# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна тахти унвони «Вижагиҳои сохторию маъноии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А. В. Старчевский» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Ахмедҷонова Мушараф Абдурасуловна таҳти унвони «Вижагиҳои сохторию маъноии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А. В. Старчевский», ки зери роҳбарии забоншиноси номии тоҷик, профессор Шокириён Туғрал Сироҷзода ба анҷом расидааст, дар забоншиносии тоҷик аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ роҷеъ ба пажуҳиши луғавию маъноӣ ва сохтории “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и маърифатпарвари бузурги рус Алберт Викентевич Старчевский ба ҳисоб меравад.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионии муҳаққиқ дар мисоли фарҳангономаи мазкур нишон додани рушди фарҳангнигории тарҷумавӣ ва падидаҳои тозаи он, интишору гуcтариши забони тоҷикӣ дар фарҳангнигории тарҷумавии тоҷикӣ ва мардуми дигар муаррифӣ мегардад, ки аз нигоҳи зарурати илмию моҳияти амалии худ як пажуҳиши зарурист.

Мавриди таҳлил қарор додани бобу фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия касро ба хулосае меоварад, ки диссертант саъй намудааст, то тамоми паҳлуҳои масъалаи баррасишавандаро ба риштаи омӯзиш гирифта, онҳоро ба муомилоти илмӣ ворид созад. ҳисоб, маврид такрор шудааст.

Тавре ки дар автореферат зикр гардидааст, диссертатсияи мазкур аз феҳрасти ихтисораҳо, муқаддима, се боб, 11 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳрасти адабиёти истифодашуда, феҳрасти интишороти илмии диссертант оид ба мавзуъ иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллиф оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуи пажуҳиш, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар қисмати тавсифи умумии он роҷеъ ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекти пажуҳиш, асосҳои назариву методологии таҳқиқ, метод, сарчашмаву нававарии илмии таҳқиқ, нукоти асосии ба ҳамоя пешниҳодшаванда ва аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ бо риояи низоми муқарраршуда маълумот додааст.

Боби якуми диссертатсия **«А. В. Старчевский ва фаъолияти фарҳангнигории ӯ»** (автореф., с.12-18), боби дуюм **«Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А. В. Старчевский ва вижагиҳои сохтории он»** (автореф., с.18-23)

ва боби сеюм **«Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А. В. Старчевский ва вижагиҳои маънoии он»** (с.23-25) ном дошта, дар фаслҳои мухталифи ин бобҳо диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки фарҳанги тоҷикӣ-русии А. В. Старчевскийро ҳамаҷониба таҳлилу барасӣ намояд; бо истифода аз фарҳангномаҳои ватаниву хориҷӣ ва сарчашмаҳои дигар мафҳумҳо ва махсусиятҳои истилоҳоти фарҳангро муайян созад; вижагиҳои сохторӣ ва маънoии истилоҳоти фарҳанги мазкурро муқаррар бикунад; тағйири маънoии истилоҳоти фарҳангро мушаххас ва истилоҳоти фарҳангро аз рӯйи мавзуъ ва маъно гурӯҳбандӣ намуда, калимаҳои асарро бо маводи сарчашмаҳои дигар ва забони муосири тоҷикӣ муқоиса намояд; манбаъҳои пайдоишу ташаккули истилоҳоти фарҳангро дар замони таълиф ва дирӯзу имрӯзи забони тоҷикӣ мавриди пажуҳиш қарор диҳад; ҷанбаҳои решашиносии истилоҳоти ҷудогонаи фарҳангро аниқ гардонад; корбасти категорияҳои луғавӣ ва усули корбурди онҳоро дар фарҳанг муайян намояд; вижагиҳои этнолингвистии маводи фарҳангро нишон диҳад.

Муаллиф дар хулосаи умумии диссертатсия андешаҳои худро доир ба дараҷаи ҳалли мавзуъ дар дувоздаҳ банд ҷамъбаст намудааст, ки мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Мақолаҳои батабърасидаи муаллиф, ки 3 адади он марбут бар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ва 6-тои дигар мансуб бар маҷмуаҳои конфронсҳову гузоришҳои илмӣ мебошанд, пурра муҳтавои мавзуъ ва мундариҷаи корро дар бар мегиранд.

Дастовардҳои илмӣ дар диссертатсияи мазкур арзишманду назаррасанд ва диссертант ба ҳадафҳои муайяннамудаи хеш муваффақ шудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар афторефератӣ рисола баъзе камбудиҳо ҷой доранд.

1. Мисолҳо бо як намуди қавс нишон дода шаванд, беҳтар буд (с.12, 16).
2. Дар автореферат баъзе норасоии имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба назар расид (с. 4,11,16).

Камбудию норасоиҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, мазмуну муҳтавои илмии автореферат ва ва диссертатсияро коста намекунад.

Ошноӣ бо автореферати мазкур моро ба хулосае овард, ки диссертатсияи Ахмедҷонова М. А. дар мавзуи «Вижагиҳои сохторию маънoии “Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ”-и А. В. Старчевский» таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши илмиву амалиаш ба талаботи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
МДТ «Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба номи
Абуалӣ ибни Сино» Калонова Маҳина Ҷумабоевна

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н.Сино, к.Деҳи Боло 185
Тел.: (92) 728-32-28
Почтаи электронӣ:m.kalonova@mail.ru

«27» августи соли 2024

Имзои Калонова М. Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардои Раёсати рушди кадрии МДТ
"Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба
номи Абуалӣ ибни Сино", н.и.т. Сафаров Беҳрӯз Изатуллоевич

Суроғаи муассиса:
734003, ш. Душанбе,
кучаи Сино 29-31;
тел:446003977; факс 2353496
E-mail:info@tajmedun.tj
Web: WWW. tajmedun.tj